**№3621/2.1 аз 24.12.2009** **Мақомоти ҳудудии андоз**

Доир ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон
«Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба
Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз
3 декабри соли 2009 таҳти №571

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки Қонуни мазкур мутобиқи моддаи 2-и он аз 1 январи соли 2010 мавриди амал қарор дода мешавад.

Бо мақсади татбиқи дуруст ва саривақтии Қонуни мазкур тавзеҳоти зерин барои дастур ирсол карда мешавад.

Барои таъмини принсипи омирона ва волоияти Кодекси андоз нисбат ба дигар санадҳои қонунгузории гражданӣ дар мавриди танзими муносибатҳои андозӣ дар ҷумҳурӣ **қисми 1 моддаи 1** Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав қабул гардид, ки бартарияти Кодекси андозро дар муносибатҳои андозӣ таъмин менамояд.

Ҷиҳати мутобиқ намудани Кодекси андоз ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» ба **моддаҳои 2, 144, 145, 197 ва 199** тағйироти дахлдор ворид гардид, ки мутобиқи он фоидаи бадастовардаи Бонки миллии Тоҷикистон дар асоси талаботи муқаррарнамудаи моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» бо андози фоида андозбандӣ мегардад. Яъне, 10 фоизи фоидаи Бонки миллӣ ба ташаккули фонди оиномавӣ то пурра шудани он, 60 фоиз ба фонди захиравӣ (то ба 10 фоизи ӯҳдадориҳои Бонки миллӣ баробар шудан) ва боқимондаи он дар шакли андоз аз фоида ба даромади буҷет гузаронида мешавад. Эъломияи андози фоидаро бошад, ба мақомоти андоз то 1 августи соли баъди соли ҳисоботӣ пешниҳод намуда, андоз аз фоидаро на дертар аз 1 сентябри соле, ки баъди соли ҳисоботии андоз фаро мерасад пардохт менамояд.

Ба **сархати якуми банди 2) қисми 4 моддаи 48** ва сархати сеюми қисми 2 моддаи 49 тағйиру иловаҳо ворид гардид, ки тибқи он минбаъд санҷиши мавзӯӣ на танҳо оид ба намуди андози алоҳида, балки нисбати дигар намуди андозҳои мутақобилан вобаста низ гузаронида мешавад.

Яъне, агар ҳангоми тағйир ёфтани маблағи алоҳидаи андози ҳисобшуда маблағи ҳисобшудаи дигар андозҳо низ мутақобилан тағйир ёбад, он гоҳ андоз ба андози дигар мутақобилан вобаста ба ҳисоб меравад.

*Мисол. Дар рафти санҷиши мавзӯии «андоз аз фоидаи шахсони ҳӯқуқӣ» муайян карда шуд, ки андозсупоранда ба фурӯши чаканаи молҳо машғул буда, даромади дар эъломияи андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ барои соли ҳисоботӣ дарҷ намудааш ба ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибии тасдиккунандаи фурӯши чаканаи мол мутобиқат наменамояд. Дар ин ҳолат нисбати андозсупоранда дар баробари бо таври иловагӣ ҳисоб намудани андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ, андоз аз фурӯши чакана ва дигар андозҳои алоқаманд (андози ҳадди ақал аз даромадҳо, андоз аз арзиши иловашуда), ки бояд аз ҳамин манбаъ муайян карда шаванд, ҳисоб карда мешавад.*

Барои таъмини назорати дурусти истифодаи имтиёзҳои андозӣ ба сархати панҷуми қисми **2 моддаи 49** тағйиру иловаҳо ворид гардид, ки

мутобиқи он ҳангоми қатъ шудани амали имтиёзҳо барои шахсони ҳуқуқии аз низоми махсуси андозбандӣ барои сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ - истифодабаранда, корхонаҳои азнавтаъсисёфтаи ба силсилаи пурраи коркарди нахи пахта ба маҳсулоти ниҳоӣ машғулбуда ва аз рӯи Созишномаҳо оиди тақсими маҳсулот фаъолияткунанда, ҳатман санҷиши маҷмӯии андоз гузаронида мешавад.

Бо мақсади ҳимояи истеҳсолкунандагони ватании молҳои зераксизӣ ва пешгирии ғайриқонунӣ ворид шудани ин намуди маҳсулотҳо ба бозори дохилӣ, пешгирии қочоқи он ба **қисми 5 моддаи 62, моддаҳои 249 ва 256** тағйирот ворид гардида, низоми ҷойдоштаи тамғагузории молҳои зераксизии воридотӣ такмил дода шуд.

Яъне, **қисми 3 моддаи 249** дар таҳрири нав баён гардида, дар асоси он гузоштани тамғаҳои аксизӣ ба молҳои воридотӣ дар анборҳои нигоҳдории муваққатӣ ҷойгир ё таҳти низоми анбори гумрукӣ эъломия карда мешавад. Минбаъд дар баробари берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон тамғагузорӣ шудани молҳои зераксизии воридшаванда, аз рӯи тартиби нав ба маҳсулоти зераксизии спиртдор ва (ё) тамоку гузоштани тамғаҳои аксизӣ аз ҷониби воридкунандаи чунин маҳсулот таъмин карда мешавад.

Молҳои зераксизии воридотгардида пас аз гузоштани тамғаҳои аксизӣ аз ҷониби воридкунанда ба чунин маҳсулот дар анбори гумрукӣ барои баровардан ба муомилоти озод иҷозат дода мешавад ё ин, ки маҳсулоти зераксизии спиртдор ва тамоку таҳти низоми анбори гумрукӣ барасмият даровардa шуда, бо риояи тартиби ҷойдоштаи тамғагузорӣ баъдан ба муомилоти озод бароварда мешавад.

Ба **моддаҳои 76 ва 79** тағйиру илова ворид гардида бонкҳо ва дигар муассисаҳои молиявию кредитӣ вазифадор гардидаанд, ки ҳангоми қабули ҳуҷҷатҳои пардохтӣ барои супоридани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ зикр намудани рақами мушаххаси андозсупоранда, рақами инфиродии суғуртавӣ, намудҳои андозҳои пардохтшаванда, инчунин дурустии нишондодани маълумотҳои (реквизитҳои) бонкиро аз андозсупорандагон талаб намоянд. Рафти таҳлили асоснокии иҷрои қисми даромади буҷети давлатӣ, яъне ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи пардохт ва коркарди маълумотҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар баъзе аз онҳо РМА, рақами инфиродии суғуртавӣ, намудҳои андозҳои пардохтшаванда нишон дода намешаванд ва мақомоти ҳудудии андозро лозим аст, ки ҳангоми қабули ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи пардохт ба риоя гардидани мукаррароти мазкур диққат дода, бо бонкҳо ва дигар муассисаҳои молиявию кредитӣ ҳамкорӣ намоянд.

Мутобиқи тағйиру иловаҳо ба **қисмҳои 2 ва 5 моддаи 90** тартиби дигари батаъхиргузории бақияпулиҳои андоз пешбинӣ гардида, ҳамзамон нисбати маблағҳои батаъхиргузошташуда фоизҳо ҳисоб карда намешавад. Минбаъд тағйир додани мӯҳлати пардохти андоз, ҷарима ва фоизҳо танҳо дар асоси кафолати бонкӣ барои иҷрои ӯҳдадориҳои андозӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

Тағйирот ба **моддаҳои 34, 92 ва 94-97** механизми нави ҷамъоварии бақияпулиҳои андозро пешбинӣ менамояд. Минбаъд тартиби ғайрисудии маҷбуран ситонидани андозҳо нисбати қарзҳои аз ҷониби андозсупоранда эътирофшуда татбиқ карда мешавад.

Мутобиқи иловаи **қисми 58 ба моддаи 34** қарзҳои аз ҷониби андозсупоранда эътирофшуда инҳоянд:

-маблағи андозҳои дар ҳисоботҳои худ нишондодаи андозсупоранда;

- маблағи қарзе, ки пардохти он тибқи муқаррароти Кодекси андоз ба таъхир гузошта шуда, баъди ба охир расидани мӯҳлати батаъхиргузорӣ бояд пурра ва якбора пардохт карда шавад;

- маблағи қарзи тибқи санади санҷишӣ ҳисоб кардаи мақомоти андоз, ки он ба андозсупоранда дастрас шудааст ва мавриди баҳс қарор нагирифтааст;

- маблағи қарзе, ки бо ҳалномаи суд ба қувваи қонунӣ даромадааст.

Татбиқи дурусти **моддаҳои 92 – 97** Кодекси андоз дар мавриди бо тартиби ғайрисудӣ ситонидани бақияпулиҳои андоз дар Дастурамал «Дар бораи тартиби маҷбуран ситонидани андозҳо» тавзеҳ дода мешавад.

**Қисми 3 моддаи 106** ҳориҷ карда шуда, тибқи тартиби муқаррargардидаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рафти аввалин санҷиши маҷмӯӣ ва ҳуҷҷатӣ нисбати субектҳои хоҷагидори навтаъсис низ, ки супорандаи андози тибқи низоми соддакардашуда мебошанд, чораҳои маъмурӣ татбиқ карда мешаванд.

Дар асоси **иловаи қисми 3 ба моддаи 140 ва тағйирот ба бандҳои 5 ва 6 қисми 6 моддаи 164** андозбандии шахсони воқеии ғайрирезиент, ки ҳамчун коргари кироя фаъолият менамоянд, аз манбаи пардохт 25 фоиз, дигар намуди даромадҳои дар бандҳои 1-5 пешбинӣ намудаи моддаи 164, ки аз дигар намуди фаъолиятҳо ба даст оварда мешавад, бо меъёри 15 фоиз андозбандӣ карда мешавад.

Тағйиру иловаҳо ба **банди 9 моддаи 141 ва моддаи 145** бо мақсади аз байн бурдани гуногунфаҳмиҳо ва имтиёзҳои андозии бесамар дар мавриди андозбандии шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ ворид карда шудааст.

Бо мақсади таъмини саривақтии пардохти андози даромади дар манбаи пардохт нигоҳ дошташуда ба **моддаҳои 161 ва 165** тағйирот ворид гардид. Соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқие, ки аз бонкҳо ва дигар муассисаҳои молиявию кредитӣ музди меҳнатро мегиранд, ӯҳдадоранд бо баробари гирифтани музди меҳнат ва ё баъд аз панҷ рӯзи гирифтани музди меҳнат андози даромад аз шахсони воқеӣ ва андози иҷтимоиро ба буҷет пардохт намоянд.

Тартиби пешниҳоди ҳисоботи андоз аз ҷониби корфармоён, ки аз кормандони кироякӣ худ андози даромадро нигоҳ дошта, ба буҷет пардохт менамоянд, тағйир дода шуда, корфармоён бояд ҳар моҳ на дертар аз санаи 15 моҳе, ки баъди моҳи ҳисоботӣ фаро мерасад, ба мақомоти андози маҳаллӣ баҳисобгирии бақайдгириашон ҳисоботи андози даромад аз кормандони кироякашонро, ки дар манбаи пардохт ситонида шудааст, пешниҳод намоянд.

**Банди 1 қисми 2 моддаи 211** дар таҳрири нав қабул карда шуд, ки тибқи он минбаъд супоридан ё иҷораи амволи ғайриманқул, ки бо мақсадҳои соҳибкорӣ истифода бурда мешаванд, бо андоз аз арзиши иловашуда андозбандӣ карда мешаванд. Бинобар ҳамин, андозсупорандагоне, ки мутобиқи моддаи 202 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун супорандаи андоз аз арзиши иловашуда ба қайд гирифта шудаанд, ӯҳдадоранд, ки аз амволи худ, ки бо мақсадҳои соҳибкорӣ истифода мешаванд, андоз аз арзиши иловашударо ҳисоб карда, пардохт намоянд.

Андозсупорандагоне, ки тибқи низоми соддакардашудаи андозбандӣ фаъолият менамоянд, аз супоридан ё иҷораи амволи ғайриманқул, ки бо мақсадҳои соҳибкорӣ истифода бурда мешаванд, андоз аз арзиши иловашудаaро ҳисоб ва пардохт наменамоянд.

Инчунин, дар асоси тағйироти ба **банди 12, қисми 2 моддаи 211** аз 1 январи соли 2010 сар карда андозсупорандагоне, ки ба хизматрасонии санаторию курортӣ машғул мебошанд, аз ин намуди хизматрасонӣ бо андоз аз арзиши иловашуда андозбандӣ мегарданд.

Банди **7 қисми 4 моддаи 211** низ тағйир дода шуд, ки мутобиқи он воридоти молҳои барои сохтмони объектҳои махсусан муҳим танҳо тибқи ҳуҷҷатгузории лоиҳавию сметавии бо мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи сохтмон мувофиқашуда, аз андоз аз арзиши иловашуда ҳангоми воридот озод карда мешавад.

Ба **моддаҳои 260, 262 ва 263** тағйиру иловаҳо ворид гардида, воридоти андози иҷтимоии соҳибкорони инфиродӣ ва аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонӣ барои соли 2010 дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.12.2009 таҳти №656 пардохт карда мешавад.

Мутобиқи тағйироти ба **банди 2) қисми 5 моддаи 291** ворид гардида хоҷагиҳои деҳқоние, ки аз обҳои зеризаминӣ истифода менамоянд, аз пардохти роялтӣ озод карда шудаанд.

Аз 1 январи соли 2010 оғоз намуда тамоми субъектҳое, ки бо роҳи ташкили шахси ҳуқуқӣ хоҳиши фаъолият намуданро доранд (аз ҷумла корхонаҳои истеҳсолкунандаи молҳои зераксизӣ (ба истисноӣ нӯшокиҳои бе спирт), таҳвилкунандаи нахи пахта ва алюминийи аввалия, истифодабарандагони қаъри замин, муассисаҳои суғуртакунӣ, фондҳои инвеститсионӣ, иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қиматнок ва ташкилотҳои кредитӣ) бо назардошти тағйироти **ба моддаи 302** ворид гардида дар оғози фаъолияти худ тибқи низоми соддакардашуда андозбандӣ карда мешаванд.

Агар даромади умумӣ (бе назардошти андоз аз фурӯши чакана) дар давраи пешинаи давомнокиаш на зиёда аз 12 моҳи пурраи пай дар пайи тақвимӣ зиёда аз 800 ҳазор сомониро ташкил диҳад, онгоҳ андозсупоранда аз оғози солиояндаи ҳисоботӣ ҳуқуқ дорад тибқи низоми умумии андозбандӣ фаъолият намояд.

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани талаботи моддаи 326 Кодекси андоз ба **қисми 1 моддаи 327** тағйиру иловаҳо ворид гардида, андозбандии иншоотҳо (ба истисноӣ иншоотҳои нотамом ва истифодаи умум, ки бо Қарори дахлдори ҲҶТ муайян мегардад) пешбинӣ гардидааст. Манбаи андозбандии он масоҳати замини дар амал ишғол намудаи иншоот ҳисобида мешавад.

Ҳамзамон ба **моддаи 328 тағйирот** ворид гардида **қисми 3** илова карда шуд, ки мутобиқи он имтиёзҳои андози амволи ғайриманқул барои шахсони воқеӣ аз ҳадди муқаррарнамудаи қисми 2 моддаи 139 Кодекси андоз зиёд шуда наметавонад.

*Мисол. Маблағи ҳисобшавандаи андоз аз амволи ғайриманқули шаҳрванд Холиқов С.Т., ки иштирокчии амалиётҳои ҳарбӣ доир ба муҳофизати ИҶШС мебошад, дар соли 2010 ба 450 сомонӣ баробар мебошад.*

*Бо назардошти талаботи қисми 3 моддаи 328 ва қисми 2 моддаи 139 имтиёзи андозии шаҳрванд Холиқов С.Т. дар як сол аз 350 сомонӣ (12 моҳ х 35 сомонӣ) зиёд шуда наметавонад. Аз ин лиҳоз ӯҳдадор аст дар ҳаҷми 100 сомонӣ (450-350)андоз аз амволи ғайриманқулро ба буҷет пардохт намояд.*

Мутобиқи тағйироти ба **моддаи 335** ворид гардида, меъёрҳои андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт ба андозаи 25 фоиз нисбати ҳар як гурӯҳи воситаҳои нақлиёт зиёд карда шуд.

Ба **моддаи 340** тағйирот ворид гардида, меъёри андоз дар ҳаҷми 3 фоизи фурӯши чаканаи бозории молҳо муқаррар карда шудааст.

Дигар тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон характери таҳририро доро мебошанд.

Мақомоти ҳудудии андозро лозим аст, ки:

- ҳангоми татбиқи назорати андоз тавзеҳоти мазкурро мавриди амал қарор диҳанд;

- барои сари вақт огоҳ намудани андозсупорандагон оид ба тағйиру иловаҳои воридгардида, чораҷӯи намоянд;

- то 5 январи соли 2010 бо масади татбиқи моддаи 92 Кодекси андоз, маълумот оид ба суратҳисобҳои дар бонкҳо ва дигар муассисаҳои молиявию кредитӣ доштаи андозсупорандагонро дар маҳзани маълумотҳо гузаронида аз натиҷааш то 10 январи соли 2010 ба Кумитаи андоз маълумот пешниҳод намоянд;

- иҷрои саривақтии Фармони Раиси Кумитаи андоз аз 14.12.2009, №357 –ро таъмин намуда, бо истифода аз ваколат, ҳуқуқ ва вазифаҳояшон ҷиҳати татбиқи дурусти тартиби ғайрисудӣ маҷбуран ситонидани андозҳо бо дарназардошти талаботи бандҳои 9 ва 10 қисми 1 моддаи 38 Кодекси андоз то 1 январи соли 2010:

а) Бо таври алоҳида нисбати ҳар як андозсупорандаи дар қайдашон буда оиди амволи дар ихтиёр доштаашон маълумоти пурра ҷамъ оваранд;

б) Барои муайян намудани суратҳисобҳои бонкии андозсупор-андагони дар қайдашон буда дар бонкҳо ва муассисаҳои дигари молиявию кредитӣ чораҳои зарурӣ андешанд;

в) Оиди иҷрои бандҳои а) ва б) ба Кумитаи андоз то 5 январи соли 2010 дар шакли ҷадвал маълумот пешниҳод намоянд.

- ҳангоми гузаронидани инвентаризатсияи амволи андозсупоранда-гон ба гурӯҳбандии амвол диққат дода, пурра андозбандӣ намудани иншоотҳои андозсупорандагонро таъмин намоянд.

Раис Н.Давлатов